# Табрикоти Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода ба муносибати ҷашни Наврӯз

Опубликовано 20 марта, 2025 - 11:55 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахши идона кулли ҳамватанони азиз ва тоҷикони тамоми дунёро бо фаворасии ҷашни ҳуҷастаи Наврӯзи оламафрӯз аз самими қалб шодбош намуда, ба ҳар кадоми онҳо хушбахтиву саодатмандӣ, саломативу сарбаландӣ ва муваффақиятҳои беназирро

таманно менамоям.

Ниёгони некноми мо Наврӯзро дар давоми ҳазорсолаҳо ҳамчун яке аз оинҳои беҳтарини миллӣ аз насл ба насл ба мерос гузошта, то замони мо расонидаанд. Бо шарофати озодиву соҳибистиқлолии Ватан, тавассути сиёсати хирадмандона ва талошҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни бузург на танҳо ба мақоми расмӣ соҳиб гардид, балки ба ҳайси ҷашни эҳёи табиату зебоӣ мақоми байналмилалӣ касб карда, имрӯз дар саросари олам таҷлил мешавад. Тамоми халқҳои ҷаҳон ҷашни Наврӯзро бо забони ноби тоҷикӣ "Наврӯз" ном мебаранд, зеро Тоҷикистон ватани Наврӯз аст. Тоҷикистон кишвари мардумони сарбаланд ва кӯҳҳои осмонбӯс аст. Дар зимистон кӯҳҳо бо қабати ғафси барф печонида шуда, дар кӯҳҳо ва доманакӯҳҳо барф муддати тӯлонӣ сафедии худро гум намекунад, танҳо нурҳои аввалини офтоби баҳорӣ онро об карда, муъҷизаи хурдеро фош мекунанд, ки ин сарҳои хурди бунафш аз қатраҳои барфӣ дар пояҳои борик мебошад. Ин далели раднашавандаи фаро расидани бахори деринтизор аз кадимулайём барои тоҷикон ҷашни бошукуҳ буд.

Бигзор Наврӯзи хуҷастапай дар амалишавии орзую ниятҳоятон баҳри рушду нумӯи Ватани азизамон, пойдории давлатдорӣ ва беҳбудии зиндагии мардуми кишвар ба Шумо дар амали намудани ормонҳои миллӣ нерӯи тоза бахшида, ба халқи тоҷик хайру баракат, бахту саодатро арзонӣ дошта, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро ҷовидонӣ гардонад.

**Рейтинг контента:** Select rating
Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

**Источник::**http://istilohot.tj/ru/node/7104?mini=2025-04

**Ссылки**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1_8.jpg [2] http://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10
[3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_20.jpg [4]
http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_20.jpg